# Шарҳи мухтасари назарсанҷӣ оид ба воридшавӣ ва содиршавии интиқолҳои пулии шахсони воқеӣ дар моҳи октябри соли 2015

Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ ва бозомӯзии кормандон дар асоси Фармоиши №3 аз 1 октябри соли 2015 дар байни шаҳрвандон (мизоҷони ташкилоти қарзӣ) доир ба воридшавӣ ва содиршавии интиқолҳои пулӣ дар моҳи октябри соли равон назарсанҷӣ гузаронид. Дар пурсишнома 11 савол доир ба воридшавии интиқолҳои пулӣ ва 5 савол доир ба содиршавии интиқолҳои пулӣ ҷой дода шуда буд *(Пурсишнома замима мегардад)*. Назарсанҷии мазкур дар байни 132 нафар шаҳрвандон дар нуқтаҳои интиқоли пулии ташкилотҳои қарзӣ гузаронида шуд. Натиҷаи ҷамъбасти назарсанҷии мазкур ба таври зерин баҳо дода мешавад.

Нисбати саволи аввали пурсишнома: *“Шумо гирифтани интиқоли пулиро бо кадом асъор беҳтар мешуморед?”* респондентон чунин посух доданд.

Мувофиқи маълумотҳои ҷамъбастгардидаи 65 нафар ё 49,2 фоизи респондентон гирифтани интиқоли пулии худро бо пули миллӣ (сомонӣ) ва баръакс 67 нафар ё 50,8 фоизи дигар бо асъори хориҷӣ гирифтани интиқоли пулии худро авлотар мешуморанд. *(ниг. ҷадвали 1.)*.

***Ҷадвали 1. Маълумот оид ба авлотар донистани гирифтани маблағи интиқоли пулӣ аз рӯи намуди асъор (нафар/фоиз)***

| № | Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумӣ (бо %) |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Шумо гирифтани интиқоли пулиро бо кадом асъор беҳтар мешуморед?** | **132** | **100,0** |
| | *бо пули миллӣ (сомонӣ)* | *65* | *49,2* |
| | *бо асъори хориҷӣ* | *67* | *50,8* |

Қобили қайд аст, ки рӯз то рӯз эътимоду боварии аҳолӣ ба пули миллии сомонӣ зиёд шуда истодааст. Агар ба таркиби назарсанҷиҳои солҳои қаблӣ назар афканем интиқолгирандагон гирифтани маблағҳои худро бештар бо асъори хориҷӣ беҳтар мешумурданд, зеро, ки дар бозори дохилӣ амалиётҳои хариду фурӯш ба таври ғайрирасмӣ бо асъори хориҷӣ анҷом дода мешуд. Айни замон яке аз сабабҳои зиёдшавии эътимоднокии аҳолӣ ба пули миллии сомонӣ ин монеагузории қонунҳои амалкунанда барои гузаронидани амалиётҳои хариду фурӯш дар бозори дохилии кишвар бо асъори хориҷӣ ба шумор меравад.

Қайд кардан бомаврид аст, ки бо тағйир додани самти сиёсати асъорӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар моҳҳои охир ва бо тавсияи Бонки миллии Тоҷикистон аз моҳи июли соли равон ташкилотҳои қарзӣ ба мизоҷон гирифтани маблағи интиқолҳои воридшударо бо пули миллии сомонӣ ва бо қурби мубодилавии муносиб пешниҳод намуда истодаанд, ки ин амал низ боиси бештар шудани истифодаи пули миллӣ аз ҷониби интиқолгирандагон гашта истодааст.

Мутаассифона нишондиҳандаҳои мазкур аз он шаҳодат медиҳанд, ки то ҳол қисми зиёди интиқолгирандагон гирифтани маблағи худро бо асъори хориҷӣ авлотар мешуморанд (50,8%).

Таҳлилҳои дар боло қайдгардидаро ба инобат гирифта Пажуҳишгоҳ лозим мешуморад, ки баҳри боз афзун намудани эътимоднокии аҳолӣ ба пули миллии сомонӣ ва аз байн бурдани ин мушкилот аз ҷониби воҳидҳои сохтории дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон ба ташкилотҳои қарзӣ мунтазам пешниҳодҳои тавсиявӣ ҷиҳати гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ба мизоҷон ирсол гардад ва амалиётҳои мазкур таҳти назорати қатъӣ гирифта шаванд. Бо истифода аз ин роҳу усул метавон гардиши мӯътадиди пули миллӣ, хусусан эътимоднокии аҳолиро бо пули миллӣ зиёд намуд. *(ниг. диаграммаи 1.).*

***Диаграммаи 1. Маълумот оид ба авлотар донистани гирифтани маблағи интиқоли пулӣ аз рӯи намуди асъор (бо фоиз)***




Дар пурсишнома саволи навбатӣ бо мазмуни зерин ҷойгир карда шуда буд: *“Агар Шумо гирифтани интиқоли пулиро бо асъори хориҷӣ беҳтар шуморед, сабабашро нишон диҳед”.* Ҷавоби респондентон нисбати ин савол ба таври зерин ҷамъбаст гардид.

Респондентон сабабҳои гирифтани маблағи интиқоли пулиро бо асъори хориҷӣ чунин шарҳ доданд: 45 нафар ё 34,1 фоиз ноустувории қурби пули миллӣ, 41 нафар ё 31,1 фоиз даромад гирифтан аз

мубодилаи он бо сомонӣ, 31 нафар ё 23,5 фоиз бо мақсади нигоҳ доштани пасандоз ва 15 нафар ё 11,4 фоиз мақсадҳои дигарро сабаб ҳисобиданд. (*ниг. ҷадвали 2.*).

***Ҷадвали 2. Маълумот оид ба сабабҳои авлотар донистани гирифтани маблағи интиқоли пулӣ бо асъори хориҷӣ (нафар/фоиз)***

| № | Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумӣ (бо %) |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Агар Шумо гирифтани интиқоли пулиро бо асъори хориҷӣ беҳтар шуморед сабабашро нишон диҳед.** | **132** | **100,0** |
| | *ноустувории қурби пули миллӣ* | *45* | *34,1* |
| | *даромад гирифтан аз мубодилаи он бо сомонӣ* | *41* | *31,1* |
| | *бо мақсади нигоҳдории пасандоз* | *31* | *23,5* |
| | *ба мақсадҳои дигар* | *15* | *11,4* |

Аз маълумотҳои ҷамъбастгардида мушоҳида мешавад, ки қисми зиёди интиқолгирандагон барои гирифтани даромад аз мубодилаи асъори хориҷӣ дар бозор ва ҳамчун пасандоз нигоҳ доштани маблағҳои пулиашон гирифтани маблағҳояшонро бо асъори хориҷӣ беҳтар меҳисобанд. Қобили қайд аст, ки бештари респондентон зиёда аз 34,1 фоиз ноустувории пули миллиро сабаби гирифтани интиқоли пулиашон бо асъори хориҷӣ маънидод намуданд. (*ниг. диаграммаи 2.*).

***Диаграммаи 2. Маълумот оид ба сабабҳои авлотар донистани гирифтани маблағи интиқоли пулӣ бо асъори хориҷӣ (бо фоиз)***




Доир ба саволи *“Интиқоли маблағҳои пулие, ки Шумо аз хориҷа мегиред асосан аз кадом кишварҳо мебошанд?”* ҷавоби респондентон чунин аст.

Аз маълумотҳои ҷамъбастгардида мушоҳида мешавад, ки ҳаҷми бештари интиқолҳои пулии ба ҷумҳурӣ воридшаванда аз Россияи Федералӣ мебошад.

Мувофиқи ҷавоби респондентон аз шумораи умумӣ 103 нафар ё 78,0 фоизи респондентон маблағи интиқоли пулиашон аз кишвари Росия, 5 нафар ё 3,8 фоиз аз Қазоқистон, 2 нафар ё 1,5 фоиз аз Ӯзбекистон, 3 нафар ё 2,3 фоиз аз Қирғизистон, 2 нафар ё 1,5 фоиз аз кишварҳои хориҷаи наздик, 9 нафар ё 6,8 фоиз аз кишварҳои хориҷаи дур маблағи интиқоли пулӣ мегиранд. Аз шумораи умумии респондентон 8 нафар ё 6,1 фоизашон ба саволи мазкур ҷавоб надоданд. *(ниг. ҷадвали 3.).*

***Ҷадвали 3. Маълумот оид ба воридшавии интиқолҳои пулӣ аз рӯи кишварҳо (нафар/фоиз)***

| № | Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумӣ (бо %) |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Интиқоли маблағҳои пулие, ки Шумо аз хориҷа мегиред асосан аз кадом кишварҳо мебошанд?** | **132** | **100,0** |
| | *Россия* | *103* | *78,0* |
| | *Қазоқистон* | *5* | *3,8* |
| | *Ӯзбекистон* | *2* | *1,5* |
| | *Қирғизистон* | *3* | *2,3* |
| | *дигар кишварҳои хориҷаи наздик* | *2* | *1,5* |
| | *дигар кишварҳои хориҷаи дур* | *9* | *6,8* |
| | *ҷавоб надод* | *8* | *6,1* |

Тавре, ки дар боло қайд намудем дар асоси назарсанҷии тадқиқотии мазкур ҳиссаи зиёди интиқолҳои пулии ба кишвар воридшаванда (78,0 фоиз) ба Россияи Федералӣ рост меояд, ки ин омили содиршавии қувваи корӣ аз кишвар мебошад. *(ниг. диаграммаи 3.).*

***Диаграммаи 3. Маълумот оид ба воридшавии интиқолҳои пулӣ аз рӯи кишварҳо (бо фоиз)***




Дар пурсишнома бо мазмуни зерин саволи навбатӣ ҷой дода шуда буд: *"Интиқоли маблағҳои пулии аз хориҷа воридшавандаро Шумо бо кадом роҳ мегиред?"*, ки ҷавоби респондентон ба таври зерин ҷамъбаст гардид.

Маълумотҳои ҷамбастгардида шаҳодат медиҳанд, ки 125 нафар ё 94,7 фоизи респондентон гирифтани маблағи интиқоли пулии худро бо воситаи бонкҳо, 3 нафар ё 2,3 фоиз бо воситаи ширкат ва 1 нафар ё 0,8 фоиз бо воситаи шахси алоҳида дастрас менамоянд. Аз шумораи умумии респондентон 3 нафар ё 2,3 фоиз гирифтани маблағи интиқоли пулии худро бо дигар воситаҳо шарҳ доданд. *(ниг. ҷадвали 4.).*

***Ҷадвали 4. Маълумот оид ба гирифтани интиқолҳои пулии воридшуда (нафар/фоиз)***

| № | Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумӣ(бо %) |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Интиқоли маблағҳои пулии аз хориҷа воридшавандаро Шумо бо кадом роҳ мегиред?** | **132** | **100,0** |
| | *ба воситаи бонк* | *125* | *94,7* |
| | *ба воситаи ширкат* | *3* | *2,3* |
| | *ба воситаи шахси алоҳида* | *1* | *0,8* |
| | *бо дигар воситаҳо* | *3* | *2,3* |

Маълумотҳои мазкур исбот менамоянд, ки рӯз то рӯз боварии аҳолӣ ба хизматрасониҳои низоми бонкӣ зиёд шуда истодааст ва мизоҷон барои таъмини бехатарии амалиётҳои молиявии худ ташкилотҳои қарзиро интихоб менамояд. Вале дар таркиби маълумотҳои ҷамъовардашуда то ҳол мушоҳида мегардад, ки аҳолӣ амалиёти маъмули ҳаволаро истифода менамояд, ки гувоҳи ин ҷавоби респондентон доир ба дастрас намудани маблағҳо бо воситаи шахсони алоҳида ба шумор меравад. Ҳамзамон шаҳрвандон ба ғайр аз хизматрасониҳои бонкӣ боз воситаҳои дигарро низ (2,3%) барои дастрас намудани маблағҳои интиқоли пулии худ аз хориҷи кишвар истифода менамоянд. *(ниг. диаграммаи 4.).*

***Диаграммаи 4. Маълумот оид ба гирифтани интиқолҳои пулии воридшуда (бо фоиз)***



Нисбати саволи *"Шумо маблағҳои интиқоли пулии худро бо кадом мақсадҳо сарф мекунед?"* ҷавоби респондентон ба таври зайл баҳо дода мешавад.

Дар асоси ҷавобҳои респондентон 74 нафар ё 56,1 фоиз маблағҳои интиқоли пулии худро барои харидории маҳсулоти озуқа, 3 нафар ё 2,3 фоиз барои хизматрасонии коммуналӣ, 7 нафар ё 5,3 фоиз барои хизматрасонии маишӣ, 8 нафар ё 6,1 фоиз барои гузаронидани туйю маъракa, 15 нафар ё 11,4 фоиз барои хариди хона, 3 нафар ё 2,3 фоиз барои хариди тиловорӣ, 2 нафар ё 1,5 фоиз барои соҳибкорӣ ва 1 нафар ё 0,8 фоиз барои амонатгузорӣ харҷ менамоянд. Аз шумораи умумии респондентон 19 нафар ё 14,4 фоизашон барои мақсадҳои дигар маблағи интиқолии пулии худро равона менамоянд. *(ниг. ҷадвали 5.).*

***Ҷадвали 5. Маълумот оид ба истифодаи маблағҳои интиқоли пулии воридшуда (нафар/фоиз)***

| № | Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумӣ (бо %) |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Шумо маблағҳои интиқоли пулии худро бо кадом мақсадҳо сарф мекунед?** | **132** | **100,0** |
| | хариди маҳсулоти озуқа | 74 | 56,1 |
| | хизматрасонии комуналӣ | 3 | 2,3 |
| | хизматрасонии маишӣ | 7 | 5,3 |
| | гузаронидани туйю маърака | 8 | 6,1 |
| | хариди хона | 15 | 11,4 |
| | хариди тиловорӣ | 3 | 2,3 |
| | соҳибкорӣ | 2 | 1,5 |
| | амонатгузорӣ | 1 | 0,8 |
| | дигар мақсадҳо | 19 | 14,4 |

Агар ба таркиби ҷавоби респондентон назар афканем, ҳиссаи зиёди маблағи интиқолҳои пулӣ (56,1%) барои истеъмолот сарф карда мешаванд, ки натиҷаи он ба сатҳи нархҳои бозори дохилӣ таъсир мерасонад. Ҳамзамон қисми дигари респондентон (6,1%) маблағҳои интиқоли пулии худро барои гузаронидани тую маърака, ҷашну маросимҳо ва анъанаҳои миллӣ истифода менамоянд, ки ба сатҳи нархҳои истеъмолии дохилӣ бетаъсир намемонад.

Аз маълумотҳои дастрасшуда мушоҳида мегардад, ки хушбахтона шаҳрвандон солҳои охир маблағҳои интиқоли пулии худро барои харидорӣ намудани амволи ғайриманқул (11,4%) истифода мебаранд. Мутаассифона танҳо аз шумораи умумии респондентон ҳамагӣ 1,5 фоизашон маблағҳои худро барои соҳибкорӣ ва 0,8 фоизашон барои амонатгузорӣ сарф менамоянд, ки ин

нишондиҳанда қаноатмандкунанда ҳисобида намешавад. *(ниг. диаграммаи 5.).*

***Диаграммаи 5. Маълумот оид ба истифодаи маблағҳои интиқоли пулии воридшуда (бо фоиз)***




Доир ба саволи *"Давраҳои интиқоли пулие, ки Шумо мегиред кадомҳоянд?"* респондентон ба таври зерин ҷавобҳо доданд.

Мувофиқи маълумотҳои ҷамъбастгардида зиёда аз 71 нафар ё 53,8 фоизи респондентон маблағҳои интиқоли пулии худро 1 маротиба дар як моҳ, 33 нафар ё 25,0 фоиз 1 маротиба дар се моҳ, 7 нафар ё 5,3 фоиз 1 маротиба дар шаш моҳ, 9 нафар ё 6,8 фоиз 1 маротиба дар нуҳ моҳ ва 12 нафар ё 9,1 фоизашон 1 маротиба дар як сол интиқол мегиранд. *(ниг. ҷадвали 6.).*

***Ҷадвали 6. Маълумот оид ба давраи гирифтани интиқоли пулии воридшуда (нафар/фоиз)***

| № | Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумӣ (бо %) |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Давраҳои интиқоли пулие, ки Шумо мегиред кадомҳоянд?** | **132** | **100,0** |
| | *1 маротиба дар як моҳ* | *71* | *53,8* |
| | *1 маротиба дар се моҳ* | *33* | *25,0* |
| | *1 маротиба дар шаш моҳ* | *7* | *5,3* |
| | *1 маротиба дар нуҳ моҳ* | *9* | *6,8* |
| | *1 маротиба дар як сол* | *12* | *9,1* |

Маълумотҳои мазкур аз он шаҳодат медиҳанд, ки давраҳои охир вазъи иқтисодии кишварҳое, ки ба таҳримҳои иқтисодии дигар мамлакатҳо дучор шуда буданд, то андозае муътадил гашта истодааст ва интиқолгирандагон (53,8% ва 25,0%) сари вақт ҳар моҳ ва ҳар семоҳа маблағҳои худро дастрас менамоянд. *(ниг. диаграммаи 6.).*

***Диаграммаи 6. Маълумот оид ба давраи гирифтани интиқоли пулии воридшуда (бо фоиз)***




Саволи навбатӣ дар пурсишнома ин *“Манбаи маблағе, ки барои Шумо аз хориҷи кишвар меояд кадом аст?”* *буда* ҷавоби респондентон нисбати саволи мазкур ба таври зерин ҷамъбаст карда шуд.

Респондентон манбаҳои маблағи интиқоли пулие, ки аз хориҷи кишвар мегиранд чунин номбар намуданд: 56 нафар ё 42,4 фоиз музди кор, 3 нафар ё 2,3 фоиз алимент, 4 нафар ё 3,0 фоиз нафақа, 55 нафар ё 41,7 фоиз ёрӣ аз хешовандон, 4 нафар ё 3,0 фоиз аз фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ва 10 нафар ё 7,6 фоиз аз фаъолияти соҳибкорӣ. *(ниг. ҷадвали 7.).*

***Ҷадвали 7. Маълумот оид ба манбаҳои маблағҳои интиқоли пулии воридшуда (нафар/фоиз)***

| № | Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумӣ (бо %) |
|---|---|---|---|
| 1. | **Манбаи маблағе, ки барои Шумо аз хориҷи кишвар меояд кадом аст?** | **132** | **100,0** |
| | *музди кор* | *56* | *42,4* |
| | *алимент* | *3* | *2,3* |
| | *нафақа* | *4* | *3,0* |
| | *ёрӣ аз хешовандон* | *55* | *41,7* |
| | *аз фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ* | *4* | *3,0* |
| | *аз фаъолияти соҳибкорӣ* | *10* | *7,6* |

Маълумотҳои мазкур гувоҳи онанд, ки маблағи умумии интиқолҳои пулие, ки ҳар сол ба кишвар ворид мегардад пурра аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ намебошанд ва ҳиссаи муайяни он аз ҳисоби фуруши маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ *(натиҷаи назарсанҷии мазкур 3,0%)*, инчунин аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ *(натиҷаи назарсанҷии мазкур 7,6%)* мебошад. *(ниг. диаграммаи 7.).*

***Ҷадвали 7. Маълумот оид ба манбаҳои маблағҳои интиқоли пулии воридшуда (бо фоиз)***




Доир ба саволи *“Мехоҳед, ки маблағи худро дар шакли амонат (пасандоз) дар бонк гузоред?”* респондентон ба таври зерин арзёбӣ намуданд.

Аз шумораи умумии респондентон 81 нафар ё 61,4 фоиз барои гузоштани маблағи интиқоли пулии гирифтаашон дар бонк ҳамчун амонат (пасандоз) розигӣ доданд ва баръакс 51 нафар ё 38,6 фоизи дигар норозигии худро баён намуданд. *(ниг ҷадвали 8.).*

***Ҷадвали 8. Маълумот оид ба гузоштани маблағҳои интиқоли пулии воридшуда ба амонат (пасандоз) дар бонк (нафар/фоиз)***

| № | Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумӣ(бо %) |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Мехоҳед, ки маблағи худро дар шакли амонат (пасандоз) дар бонк гузоред?** | **132** | **100,0** |
| | *Ҳа (мегузорам)* | *81* | *61,4* |
| | *Не (намегузорам)* | *51* | *38,6* |

Маълумотҳои мазкур шаҳодати онро медиҳанд, ки бо муътадил шудани вазъи молиявии ташкилотҳои қарзӣ, дастрасии бемайлони хизматрасониҳои бонкӣ ба аҳолӣ ва қонеъ гаштани шаҳрвандон аз тарзу услуби хизматрасониҳои бонкию молиявӣ ҳиссаи зиёди респондентон барои ба амонат (пасандоз) гузоштани маблағи интиқоли пулиашон (61,4%) розӣ мебошанд. Вале мутаассифона то ҳол шаклу намуди хизматрасониҳои бонкӣ талаботи пурраи шаҳрвандонро қонеъ гардонида наметавонад ва аз шумораи респондентон (38,6%) барои дар бонк ҳамчун амонат (пасандоз) гузоштани маблағҳояшон розӣ нестанд. Барои аз байн бурдани ин гуна мушкилот пешниҳод менамоем, ки аз ҷониби воҳидҳои сохтории

дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон тавсияҳо ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифат ва ҷорӣ намудани намудҳои муосирии хизматрасониҳои бонкию молиявӣ тавсияҳо омода гашта, корҳои фаҳмондадиҳи ба ташкилотҳои қарзӣ гузаронида шавад. *(ниг. диаграммаи 8.).*

***Диаграммаи 8. Маълумот оид ба гузоштани маблағҳои интиқоли пули воридшуда ба амонат (пасандоз) дар бонк (бо фоиз)***




Ба саволи *"Агар не, сабаб чист, ки Шумо намехоҳед маблағи интиқоли пулии гирифтаатонро дар бонк гузоред?"* ҷавоби респондентон чунин ҷамъбаст гардид.

Мувофиқи маълумотҳои ҷамъбастгардида респондентон чунин посух доданд: 34 нафар ё 25,8 фоиз ба бонк боварӣ надорам, 57 нафар ё 43,2 фоиз маблағро пурра ба истеъмолот сарф мекунам, 26 нафар ё 19,7 фоиз фоизи амонат (пасандоз)-ҳо қонеъкунанда нестанд ва 15 нафар ё 11,4 фоиз маблағҳоро ба соҳибкорӣ сарф мекунам. *(ниг. ҷадвали 9.).*

***Ҷадвали 9. Маълумот оиди сабабҳои ба амонат (пасандоз) нагузоштани интиқолҳои пулии воридшуда (нафар/фоиз)***

| № | Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумӣ (бо %) |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Агар не, сабаб чист, ки Шумо намехоҳед маблағи интиқоли пулии гирифтаатонро дар бонк гузоред?** | **132** | **100,0** |
| | *ба бонк боварӣ надорам* | *34* | *25,8* |
| | *маблағро пурра ба истеъмолот сарф мекунам* | *57* | *43,2* |
| | *фоизи амонат (пасандоз)-ҳо қонеъкунанда нест* | *26* | *19,7* |
| | *маблағҳоро ба соҳибкорӣ сарф мекунам* | *15* | *11,4* |

Тавре, ки дар боло ёдрас намудем ҳиссаи зиёди маблағи интиқолҳои пулиро шаҳрвандон барои истеъмолот сарф карда мешаванд. Дар асоси назарсанҷии мазкур 43,2 фоизи респондентон

тасдиқ намуданд, ки маблағҳои худро барои хариди молҳои озуқа сарф менамоянд. Агар ба таркиби маълумотҳои ҷамъоварда назар афканем зиёда аз 19,7 фоизи респондентон фоизи амонат (пасандоз)-ҳоро қонеъкунанда намеҳисобанд. Хушбахтона солҳои охир истифодаи маблағи интиқолҳои пулӣ барои соҳибкорӣ афзоиш ёфта истодааст (11.4%). Вале мутаассифона то ҳол қисми зиёди шаҳрвандон (25,8%) ба бонкҳо боварӣ надоранд. Пешниҳод менамоем, ки барои боз ҳам зиёд намудани боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ аз ҷониби воҳидҳои сохтории дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон мунтазам тавсияҳо ҷиҳати таблиғи маҳсулотҳои бонкӣ дар байни аҳолӣ ирсол карда шавад. *(ниг. диаграммаи 9.).*

***Диаграммаи 9. Маълумот оиди сабабҳои ба амонат (пасандоз) нагузоштани интиқолҳои пулии воридшуда (бо фоиз)***




Ҷавоби респондентон доир ба саволи, *"Чанд ҳиссаи даромади умумии моҳонаи оилаи Шумо аз ҳисоби маблағҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда аст?"* ба таври зерин ҷамъбаст гардид.

Мувофиқи маълумотҳои ҷамъбастгардида респондентон даромади умумии моҳонаи оилаи худро аз ҳисоби маблағҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда чунин тасвир намуданд: 24 нафар ё 18,2 фоиз то 10%, 15 нафар ё 11,4 фоиз аз 10% то 20%, 27 нафар ё 20,5 фоиз аз 20% то30%, 12 нафар ё 9,1 фоиз аз 30% то 40%, 17 нафар ё 12,9 фоиз аз 40% то 50%, 17 нафар ё 12,9 фоиз зиёда аз 50% ва 20 нафар ё 15,2 фоиз даромади моҳонаи оилаи худро 100% аз ҳисоби маблағҳои аз хориҷа воридшаванда меҳисобанд. *(ниг. ҷадвали 10.).*

*Ҷадвали 10. Маълумот оиди ҳиссаи интиқолҳои пулии воридшуда дар даромади моҳонаи оила (нафар/фоиз)*

| № | Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумӣ (бо %) |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Чанд ҳиссаи даромади умумии моҳонаи оилаи Шумо аз ҳисоби маблағҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда аст?** | **132** | **100,0** |
| | *то 10%* | *24* | *18,2* |
| | *аз 10% то 20%* | *15* | *11,4* |
| | *аз 20% то 30%* | *27* | *20,5* |
| | *аз 30% то 40%* | *12* | *9,1* |
| | *аз 40% то 50%* | *17* | *12,9* |
| | *зиёда аз 50%* | *17* | *12,9* |
| | *100%* | *20* | *15,2* |

Маълумотҳои мазкур бори дигар шаҳодат медиҳанд, ки то ҳол қисми зиёди шаҳрвандон даромади моҳонаи оилаи худро аз ҳисоби интиқоли маблағҳо аз хориҷи кишвар шарҳ доданд, аз ҷумла: 15,2 фоизи респондентон пурра сад фисад ва 12,9 фоизи дигар зиёда аз панҷоҳ фисади даромади моҳонаи оилаи худро аз ҳисоби интиқолҳои пулии аз хориҷи кишвар воридшаванда тавсиф намуданд. *(ниг. диаграммаи 10.).*

*Диаграммаи 10. Маълумот оиди ҳиссаи интиқолҳои пулии воридшуда дар даромади моҳонаи оила (бо фоиз)*




Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи назарсанҷии мазкур дар он аст, ки дар пурсишнома ба ғайр аз саволҳое, ки дар бахши интиқолҳои пулии воридшаванда ба ҷумҳурӣ гузоштешуда, иловатан бахши алоҳида бо саволҳо нисбати интиқолҳои пулии аз ҷумҳурӣ хориҷшаванда гузошта шуда буд, ки ҷавоби респондентон ба таври зерин ҷамъбаст гардид.

Нисбати саволи аввали бахши мазкур, ки ба таври зерин ҷойгир шуда буд: *"Шумо бештар ба кадом кишварҳо маблағҳои пулии худро равон мекунед?"*, респондентон чунин посух доданд.

Мутобиқи маълумотҳои ҷамъбастгардида респондентон интиқолҳои пулии содирнамудаи худро аз ҷумҳурӣ ба дигар кишварҳо чунин шарҳ доданд: 58 нафар ё 43,9 фоиз ба кишвари Россияи Федералӣ, 20 нафар ё 15,2 фоиз ба Қазоқистон, 1 нафар ё 0,8 фоиз ба Ӯзбекистон, 13 нафар ё 9,8 фоиз ба Қирғизистон, 10 нафар ё 7,6 фоиз ба дигар кишварҳои хориҷаи наздик ва 9 нафар ё 6,8 фоиз ба дигар кишварҳои хориҷаи дур. Аз шумораи мумии респондентон 21 нафар ё 15,9 фоизашон ҷавоб доданд, ки ба хориҷи кишвар ҳеҷ гуна интиқоли пулӣ надоранд. *(ниг. ҷадвали 1.).*

***Ҷадвали 1. Маълумот оид ба содиршавии интиқолҳои пулӣ аз ҷумҳурӣ аз рӯи кишварҳо (нафар/фоиз)***

| № | Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумӣ (бо %) |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Шумо бештар ба кадом кишварҳо маблағҳои пулии худро равон мекунед?** | **132** | **100,0** |
| | *Россия* | *58* | *43,9* |
| | *Қазоқистон* | *20* | *15,2* |
| | *Ӯзбекистон* | *1* | *0,8* |
| | *Қирғизистон* | *13* | *9,8* |
| | *дигар кишварҳои хориҷаи наздик* | *10* | *7,6* |
| | *дигар кишварҳои хориҷаи дур* | *9* | *6,8* |
| | *интиқол намекунанд* | *21* | *15,9* |

Дар асоси маълумотҳои ҷамъбастгардида мушоҳида мегардад, ки ҳиссаи зиёди интиқоли маблағҳо аз ҷониби шаҳрвандон ба хориҷи кишвар ба Россияи Федералӣ рост меояд ва барои таҳсили фарзандон ва хариди молу маҳсулот равона мегардад. Мувофиқи маълумотҳои мазкур дар ҷойи дуюм баъд аз Россия кишвари Қазоқистон (15,2%) ва дар ҷойи сеюм кишвари Қирғизистон (9,8%) ҷойгир шудааст, ки бештар барои воридоти молу маҳсулот аз ҷониби шаҳрвандон маблағҳо интиқол дода мешаванд. *(ниг. диаграммаи 1.).*

***Диаграммаи 1. Маълумот оид ба содиршавии интиқолҳои пулӣ аз ҷумҳурӣ аз рӯи кишварҳо (бо фоиз)***



Ба саволи навбатии пурсишнома *“Шумо интиқоли маблағҳои пулии худро бо кадом мақсадҳо равон мекунед?”*, ҷавоби респондентон ба таври зерин ҷамъбаст гардид.

Мувофиқи маълумотҳои ҷамъбастгардида респондентон мақсадҳои содиркунии интиқолҳои пулии худро ба таври зерин шарҳ доданд: 17 нафар ё 12,9 фоиз музди кор, 2 нафар ё 1,5 фоиз нафақа, 7 нафар ё 5,3 фоиз алимент, 45 нафар ё 34,1 фоиз барои таҳсили фарзандон, 20 нафар ё 15,2 фоиз кӯмак ба хешовандон, 6 нафар ё 4,5 фоиз барои соҳибкорӣ ва 14 нафар ё 10,6 фоиз барои дигар мақсадҳо. Аз шумораи мумии респондентон 21 нафар ё 15,9 фоизашон иброз намуданд, ки ба хориҷи кишвар маблағ интиқол намедиҳанд. *(ниг. ҷадвали 2.).*

***Ҷадвали 2. Маълумот оид ба манбаи интиқолҳои пулии содиршуда аз ҷумҳурӣ (нафар/фоиз)***

| № | Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумӣ (бо %) |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Шумо интиқоли маблағҳои пулии худро бо кадом мақсадҳо равон мекунед?** | **132** | **100,0** |
| | *музди кор* | *17* | *12,9* |
| | *нафақа* | *2* | *1,5* |
| | *алимент* | *7* | *5,3* |
| | *таҳсили фарзандон* | *45* | *34,1* |
| | *кӯмак ба хешовандон* | *20* | *15,2* |
| | *соҳибкорӣ* | *6* | *4,5* |
| | *дигар* | *14* | *10,6* |
| | *интиқол намекунанд* | *21* | *15,9* |

Тавре, ки дар боло қайд намудем бештари интиқолҳои пулие, ки шаҳрвандон ба хориҷи кишвар равон месозанд барои таҳсили фарзандон (34,1%) ва барои кӯмак расонидан ба хешовандон (15,2%) вобаста мебошад. Аз шумораи умумии респондентон 4,5 фоизашон барои соҳибкорӣ маблағҳои худро ба хориҷи кишвар интиқол медиҳанд. *(ниг. диаграммаи 2.).*

***Диаграммаи 2. Маълумот оид ба манбаи интиқолҳои пулии содиршуда аз ҷумҳурӣ (бо фоиз)***



Доир ба саволи *“Давраҳои интиқоли пулие, ки Шумо мефиристед кадомҳоянд?,* ҷавоби респондентон ба таври зерин ҷамъбаст гардид.

Тибқи маълумотҳои ҷамъбастгардида давраҳои содиркунии интиқолҳои пулиро аз ҷумҳурӣ респондентон чунин шарҳ доданд: 33 нафар ё 25,0 фоиз 1 маротиба дар як моҳ, 18 нафар ё 13,6 фоиз 1 маротиба дар се моҳ, 15 нафар ё 11,4 фоиз 1 маротиба дар шаш моҳ, 8 нафар ё 6,1 фоиз 1 маротиба дар нуҳ моҳ ва 37 нафар ё 28,0 фоиз 1 маротиба дар як сол. Аз шумораи мумии респондентон 21 нафар ё 15,9 фоизашон иброз доштанд, ки ба хориҷи кишвар маблағ интиқол намедиҳем. *(ниг. ҷадвали 3.).*

***Ҷадвали 3. Маълумот оид ба давраи интиқолҳои пулии содиршуда аз ҷумҳурӣ (нафар/фоиз)***

| № | Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумӣ (бо %) |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Давраҳои интиқоли пулие, ки Шумо мефиристед кадомҳоянд?** | **132** | **100,0** |
| | *1 маротиба дар як моҳ* | *33* | *25,0* |
| | *1 маротиба дар се моҳ* | *18* | *13,6* |
| | *1 маротиба дар шаш моҳ* | *15* | *11,4* |
| | *1 маротиба дар нуҳ моҳ* | *8* | *6,1* |
| | *1 маротиба дар як сол* | *37* | *28,0* |
| | *интиқол намедиҳанд* | *21* | *15,9* |

Маълумотҳои ҷамъбастгардида шаҳодат медиҳанд, ки бештари респондентон дар нуҳ моҳ як маротиба (28,0% ҳисса аз ҳаҷми умумии респондентон) маблағҳои худро ба хориҷи кишвар интиқол медиҳанд, ки ин ба фаъолиятҳои дигар (соҳибкорӣ, таҳсили фарзандон, кӯмак ба хешовандон ва ғ.) вобаста мебошад. *(ниг. диаграммаи 3.).*

***Диаграммаи 3. Маълумот оид ба давраи интиқолҳои пулии содиршуда аз ҷумҳурӣ (бо фоиз)***



Ба саволи *“Оё Шуморо тарзу усули хизматрасонии бонк қаноатманд мегардонад ё не?*, ҷавоби респондентон ба таври зерин ҷамъбаст гардид.

Тибқи ҷамбасти маълумотҳо респондентон қаноатмандии худро нисбати тарзу усули хизматрасониҳои бонкӣ чунин иброз намуданд: 107 нафар ё 81,1 фоиз аз тарзу усули хизматрасониҳои бонкӣ қаноатманд мебошанд ва 25 нафар ё 18,9 фоиз норозигии худро нисбати тарзу усули хизматрасониҳои бонкӣ баён намуданд *(ниг. ҷадвали 4.).*

***Ҷадвали 4. Маълумот оид ба қаноатмандии мизоҷон аз хизматрасониҳои бонкӣ (нафар/фоиз)***

| № | Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумӣ (бо %) |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Оё Шуморо тарзу усули хизматрасонии бонк қаноатманд мегардонад ё не?** | **132** | **100,0** |
| | *Ҳа* | *107* | *81,1* |
| | *Не* | *25* | *18,9* |

Боис ба ёдоварист, ки хушбахтона солҳои охир боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ бештар шудааст. Аз маълумотҳои мазкур баръало айён мегардад, ки 81,1 фоизи респондентонро тарзу услуби корбарии хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзӣ қаноатманд мекунанд. Вале мутаассифона то ҳол 18,9 фоиз аз шумораи респондентоне, ки дар назарсанҷии мазкур иштирок намуданд аз сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкӣ қаноатманд нестанд. Барои кам кардани ин ҳисса пешниҳод менамоем, ки фаъолият дар ин самт мунтазам бештар карда шавад ва аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон тавсияҳо ба ташкилотҳои қарзӣ ирсол гарданд. *(ниг. диаграммаи 4.).*

***Диаграммаи 4. Маълумот оид ба қаноатмандии мизоҷон аз хизматрасониҳои бонкӣ (нафар/фоиз)***




*Директори Пажуҳишгоҳи*
*илмӣ-тадқиқотӣ*
*ва бозомӯзии кормандон*